# ҚАРОРИ
## МУШОВАРАИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «31» августи соли 2019 №12/3 ш. Душанбе

Оид ба тасдиқи Қоидаҳои намунавии қабул ба постдокторантура дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ-таҳқиқотии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мушоварои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди раёсати илм ва инноватсияро оид ба Қоидаҳои намунавии қабул ба постдокторантура дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ-таҳқиқотии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намуда,

қарор мекунад:

1. Қоидаҳои намунавии қабул ба постдокторантура дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ-таҳқиқотии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (Замима мегардад).

2.Ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ-таҳқиқотии ҷумҳурӣ вазифадор карда шаванд, ки тартиби қабули шаҳрвандонро ба постдокторантура тибқи талаботи қоидаҳои мазкур ба роҳ монанд.

3.Раёсати илм ва инноватсия (Н.Сайдализода) рафти амалӣ гардидани қабул ба постдокторантураро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ-таҳқиқотии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи талаботи қоидаҳои мазкур назорат намояд.

5.Ба сармуҳаррири ҳафтаномаи «Омӯзгор» (Н. Нурализода) супорида шавад, ки қоидаҳои мазкурро дар ҳафтанома ба табъ расонад.

6.Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини якуми вазир (Р. Мирбобоев) гузошта шавад.

Раиси ҷаласаи мушовара,
муовини якуми вазир Р.Мирбобоев

Бо қарори мушовараи Вазорати
маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 31 августи соли 2019, № 12/3
тасдиқ карда шудааст.

# ҚОИДАҲОИ НАМУНАВИИ ҚАБУЛ БА ПОСТДОКТОРАНТУРА ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ВА ИЛМӢ-ТАҲҚИҚОТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1.Қоидаҳои намунавии қабул ба постдокторантура дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ-таҳқиқотии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Қоидаҳо) дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника» ва «Низомномаи постдокторантура», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2018, №562 тасдиқ гардидааст ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва илм таҳия шуда, тартиби қабули шаҳрвандонро ба постдокторантура дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ-таҳқиқотии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

2.Ташкили постдокторантура дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ-таҳқиқотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла таҳқиқоти илмии инноватсионӣ, дар асоси фармоиши давлатӣ ва ҳамчунин, пардохти маблағ аз ҳисоби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар шакли таҳсили рӯзона ба мӯҳлати то 3 сол амалӣ мешавад.

3.Тоҷикони бурунмарзӣ, ки шаҳрванди давлатҳои хориҷианд, барои қабул ба постдокторантура бо шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи баробар доранд.

4.Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доимӣ истиқомат мекунанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба постдокторантура қабул карда мешаванд.

5.Шаҳрвандони хориҷӣ ба постдокторантура дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ-таҳқиқотии Ҷумҳурии Тоҷикистон пулакӣ, дар асоси шартномаҳои байналмилалӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст, қабул карда мешаванд.

6.Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ-таҳқиқотии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои қабули постдокторантон баъди гирифтани иҷозатномаи мувофиқ оид ба пешбурди фаъолияти таълимӣ дар докторантура аз рӯйи ихтисос ва постдокторантура озмун эълон менамоянд.

7. Нақшаи қабул ба постдокторантура барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ тибқи қонунгузории амалкунанда, бо дарназардошти талаботи иқтисодиёти миллӣ аз ҷониби вазоратҳои маориф ва илм ва рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

8.Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ-таҳқиқотии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули шаҳрвандонро ба постдокторантура зиёдтар аз дархости давлатӣ тибқи шартнома бо пардохти маблағ аз ҳисоби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ амалӣ намоянд. Нақшаи қабул ба постдокторантура тибқи шартномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба заминаи моддӣ-техникӣ ва имкониятҳои кадрии муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ муайян карда мешавад.

9.Дар давраи гузаронидани озмун барои қабул ба постдокторантура аз 1 июл то 25 сентябр дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ-таҳқиқотии Ҷумҳурии Тоҷикистон комиссияи интихобию озмунӣ таъсис дода мешавад.

10.Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ-таҳқиқотии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадоранд, ки аз натиҷаи фаъолияти кори комиссияи қабул ба докторантура ҳамасола то 20 октябр ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти муфассал пешниҳод намоянд.

11.Раиси комиссияи интихобию озмунӣ ректор (директор)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ ба ҳисоб меравад.

12.Комиссияи интихобию озмунӣ аз ҳисоби олимони баландтахассуси ихтисосҳои мувофиқ дар ҳайати раис ва се аъзои он, ки бояд доктор‌они илм аз рӯйи ихтисосҳои мазкур бошанд, таъсис дода мешавад.

13.Барои қабул намудан ба постдокторантура ба ҳар як аъзои комиссияи интихобию озмунӣ ду соати академӣ ба ҳар як довталаб муқаррар карда мешавад, ки аз ҷониби муассисае, ки постдокторантҳоро омода мекунад, пардохт карда мешавад.

14.Қарор оид ба қабул ба постдокторантура аз ҷониби шӯрои илмӣ (техникӣ)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ дар асоси тавсияи кафедра (шуъба, озмоишгоҳ (лаборатория), гурӯҳи эҷодӣ) қабул карда мешавад, ки дар он рисолаи илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори ҳабилитат коркард мешавад, инчунин дар асоси рӯйхати пешниҳодгардидаи корҳои нашршуда дар нашрияҳои тахассусӣ ва натиҷаҳои суҳбат дар комиссияи интихобию озмунӣ барои қабул ба постдокторантура, ки бо фармоиши ректор (директор)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ ташкил мегардад, қабул карда мешавад.

15.Барои таъмини гузаронидани озмун на камтар аз як моҳ то мӯҳлати супоридани ҳуҷҷатҳо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ-таҳқиқотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар воситаҳои ахбори омма оид ба қабул ба постдокторантура бо нишон додани ихтисосҳо ва мӯҳлати пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо эълон интишор менамоянд.

16.Ба постдокторантура дар асоси озмун бо пешниҳоди ариза барои қабул чунин шахсон қабул карда мешаванд:

- дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисос доранд ва дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ фаъолият мекунанд;
- корҳои илмӣ, шаҳодатномаҳои муаллифии барои илм ва амал хусусияти пешқадамдошта, татбиқи арзишманд (аз натиҷаҳои рисолаи илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз

рӯйи ихтисос бояд баландтар бошанд) доранд, ки дар давоми на камтар аз се сол баъд аз ҳимояи рисолаи илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос амалӣ карда шудаанд;

- дастнависҳо, корҳои илмӣ ва шаҳодатномаҳои муаллифие доранд, ки аз 2/3 ҳиссаи рисолаи илмии барои дарёфти дараҷаи илмии доктори ҳабилитат зарурро ташкил медиҳанд.

17.Шахсе, ки ба постдокторантура қабул карда мешавад, мақоми постдокторантро ба даст меорад, ки ба мақоми докторанти анъанавӣ баробар ҳисобида мешавад.

18.Шахсе, ки ба постдокторантура аз ҳисоби буҷети давлатӣ қабул шудааст, тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи меҳнат бо нигоҳ доштани ҷойи кори қаблиаш дар давоми тамоми мӯҳлати таҳсил дар постдокторантура аз кор озод карда мешавад.

19.Қабул ба постдокторантураи мақсаднок дар асоси озмуни кушода амалӣ карда шуда, ба он шахсоне роҳ дода мешаванд, ки онҳоро муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ тибқи нақшаи қабул, шартномаҳо байни унвонҷӯён ва муассисаҳо, байни муассисаҳои дахлдор, созишномаҳои байналмилалӣ байни муассисаҳо, созишномаҳои байнидавлатӣ оид ба таҳсил дар постдокторантура дар хориҷи кишвар ё таҳсил дар постдокторантура аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин тибқи ҳамин Қоидаҳо тавсия додаанд.

20.Номгӯи ҳуҷҷатҳое, ки барои қабул ба постдокторантура пешниҳод мешаванд:

- ариза ба номи ректор (директор)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ-таҳқиқотии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи нотариалӣ тасдиқкардашудаи дипломҳои таҳсилоти олӣ ва баъдидипломӣ ва замимаҳои онҳо (дипломи бакалавр, магистр ва доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос);
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ, ки аз тарафи шуъбаи кадрҳо тасдиқ карда шудааст (ҳангоми доштани собиқаи корӣ);
- тавсияи кафедра (шуъба, озмоишгоҳ (лаборатория), гурӯҳи эҷодӣ), ки бо муҳри муассиса тасдиқ гардидааст;
- тавсияи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ, ки бо муҳри муассиса тасдиқ гардидааст (барои қабул ба постдокторантураи мақсаднок);
- рӯйхати нашри мақолаҳои илмӣ ва таълимӣ-методӣ;
- нусхаи дастнависҳо, корҳои илмӣ ва шаҳодатномаҳои муаллифӣ оид ба мавзӯи таҳқиқотии илмии довталаб;
- асосномаи таҳқиқоти диссертатсионии ба нақшагирифташуда дар мувофиқа бо мушовири илмӣ;
- тасдиқномаи тиббии шакли 038-У;
- 6 адад расми андозаи 3х4.

21.Оғози давраи таҳсил барои онҳое, ки ба постдокторантура қабул шудаанд, дар асоси таҷрибаи ҷаҳонии ташкили фаъолияти постдокторантура ибтидо аз 1 октябр тавсия карда мешавад.